# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба таҳқиқи диссертатсионии Рисолати Раҷабалӣ дар мавзуи «Ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ дар низоми ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.2. Ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ, танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ пешниҳод шудааст.**

Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Рисолати Раҷабалӣ ба яке аз самтҳои муҳими илми ҳуқуқи конститутсионӣ – масъалаи ҷойгоҳ, мазмун ва механизмҳои татбиқи ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ дар низоми ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд бахшида шудааст. Дар шароити рушди давлатдории миллӣ ва таҳкими асосҳои конститутсионии ҷомеаи шаҳрвандӣ, масъалаи амалишавии воқеии ҳуқуқҳои иҷтимоӣ, бахусус ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ, аҳаммияти махсуси назариявӣ ва амалӣ касб менамояд.

Аз рӯзҳои аввали ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ сиёсати иҷтимоӣ ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардидааст. Эълон шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати иҷтимоӣ дар сатҳи Конститутсия принсипи бунёдие мебошад, ки самти сиёсати давлатиро дар таъмини сатҳи шоистаи зиндагӣ, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва дастгирии табақаҳои осебпазири ҷомеа муайян месозад. Муқаррароти конститутсионӣ оид ба ҳифзи меҳнат ва саломатӣ, дастгирии оила, модарӣ ва кӯдакӣ, маъюбон ва шахсони пиронсол, инчунин кафолати таъминоти иҷтимоӣ заминаи ҳуқуқии ташаккул ва рушди низоми ҳифзи иҷтимоиро фароҳам овардааст.

Дар амал, дар доираи сиёсати иҷтимоӣ аз ҷониби давлат тадбирҳои мушаххас амалӣ карда мешаванд. Аз ҷумла, ҳамасола дар Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ масъалаи баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ, зиёд намудани нафақаҳо ва дигар пардохтҳои иҷтимоӣ, такмили низоми ҳифзи иҷтимоӣ ва дастгирии қишрҳои ниёзманди аҳолӣ мавриди таваҷҷуҳи хос қарор мегирад. Баланд бардоштани андозаи нафақаҳо, кӯмакпулиҳо ва дигар кафолатҳои иҷтимоӣ далели пайгиронаи татбиқи сиёсати иҷтимоии давлат мебошад.

Бо вуҷуди ин, таҳлили амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ ва қонунгузории соҳавӣ нишон медиҳад, ки дар соҳаи таъминоти иҷтимоӣ як қатор мушкилоти назариявӣ ва амалӣ мавҷуданд. Аз ҷумла, норавшании мафҳумӣ ва назариявии давлати иҷтимоӣ ва ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ, номукаммалии механизмҳои татбиқи кафолатҳои конститутсионӣ, такрори ваколатҳо миёни мақомоти давлатӣ, набудани ҳамоҳангии зарурӣ дар фаъолияти онҳо ва самаранокии нокифояи баъзе тадбирҳои дастгирии иҷтимоӣ ба мушоҳида мерасад.

Сарфи назар аз заминаҳои меъёрии мавҷуда, низоми амалкунандаи таъминоти иҷтимоӣ на ҳамеша имкони пурраи амалишавии ҳуқуқҳои иҷтимоиро фароҳам меорад. Дар шароити тағйироти иҷтимоию иқтисодӣ, равандҳои ҷаҳонишавӣ ва афзоиши талаботи иҷтимоии аҳолӣ зарурати такмили заминаҳои меъёрӣ ва институтсионалии низоми таъминоти иҷтимоӣ, таҳкими механизмҳои татбиқи кафолатҳои конститутсионӣ ва бознигарии мазмуни амалии мафҳуми «давлати иҷтимоӣ» ба миён меояд.

Маҳз дар чунин шароит таҳқиқи ҳамаҷонибаи ҳуқуқӣ-конститутсионии ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ, муайян намудани ҷойгоҳи он дар низоми ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ошкор сохтани мушкилоти амалишавӣ ва пешниҳоди тавсияҳои илмӣ-асоснок ҷиҳати такмили қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ аҳаммияти муҳимми илмӣ ва амалӣ дорад.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, метавон хулоса намуд, ки мавзуи интихобнамудаи Рисолати Раҷабалӣ ҷавобгӯи талаботи замони муосир буда, дорои мубрамият, аҳаммияти назариявӣ ва арзиши баланди амалӣ мебошад.

Рисолати Раҷабалӣ соли 2009 ба Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, факултети таърих, ихтисоси «таърих ва ҳуқуқ» дохил шуда, онро соли 2013 бомуваффақият хатм намудааст. Соли 2013 таҳсили худро дар зинаи магистратураи ҳамин донишгоҳ, дар факултети таърих идома дода, соли 2015 онро ба анҷом расонидааст.

Аз соли 2015 то имрӯз ба ҳайси омӯзгори кафедраи ҳуқуқи факултети таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ фаъолият мебарад.

Рисолаи диссертатсионии Рисолати Раҷабалӣ аз муқаддима, се боб, шаш зербоб, хулоса, тавсияҳо ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Дар муқаддима мубрамии мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши масъалаи илмӣ арзёбӣ гардида, объект ва мавзуи таҳқиқ, ҳадаф ва вазифаҳои он, асосҳои назарӣ ва методологӣ, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ муайян карда шудаанд.

Дар боби аввал «**Асосҳои ҳуқуқӣ-конститутсионии сиёсати иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**», ки аз ду зербоб иборат аст, заминаҳои назариявӣ ва конститутсионии сиёсати иҷтимоӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Дар зербоби якум муаллиф мафҳуми давлати иҷтимоиро дар заминаи назарияи ҳуқуқи конститутсионӣ, санадҳои байналмилалӣ ва муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил менамояд. Дар ин қисмат табиати иҷтимоии давлат, ҷойгоҳи инсон ва ҳуқуқу озодиҳои ӯ ҳамчун арзиши олӣ, инчунин уҳдадориҳои давлат дар самти таъмини сатҳи шоистаи зиндагӣ мавриди баррасии илмӣ қарор гирифтаанд. Муаллиф асоснок менамояд, ки эълони Тоҷикистон ҳамчун давлати иҷтимоӣ на танҳо меъёри эъломиявӣ, балки

уҳдадории мустақими давлат дар ташаккули сиёсати самараноки иҷтимоӣ мебошад.

Дар зербоби дуввум мафҳуми сиёсати иҷтимоӣ, самтҳо, вазифаҳо ва принсипҳои асосии он таҳлил гардидаанд. Муаллиф сиёсати иҷтимоиро ҳамчун низоми чорабиниҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва ташкилӣ арзёбӣ намуда, принсипҳои адолати иҷтимоӣ, баробарӣ, дастрасӣ, кафолатнокӣ ва ҳадафнокии дастгирии иҷтимоиро асоснок менамояд. Ҳамзамон, таҳлили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва барномаҳои давлатӣ имкон медиҳад, ки хусусиятҳои миллии татбиқи сиёсати иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ошкор карда шаванд.

Боби дуюм **«Мазмуни ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ ва танзими он дар сатҳи ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон»** аз ду зербоб иборат буда, ба таҳлили мустақими ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ ҳамчун ҳуқуқи конститутсионӣ бахшида шудааст.

Дар зербоби якум муаллиф табиати ҳуқуқии ин ҳуқуқро ҳамчун ҷузъи таркибии гурӯҳи ҳуқуқҳои иҷтимоию иқтисодӣ муайян менамояд. Мавқеи он дар низоми умумии ҳуқуқу озодиҳои конститутсионӣ, робитаи он бо ҳуқуқ ба меҳнат, ҳифзи саломатӣ, ҳифзи оила ва дигар ҳуқуқҳои иҷтимоӣ мавриди таҳлили муфассал қарор гирифтааст. Муаллиф нишон медиҳад, ки ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ дорои хусусияти кафолатнок буда, татбиқи он бевосита аз фаъолияти самараноки давлат вобаста мебошад. Дар зербоби дуввум таҳлили муфассали заминаҳои меъёрии миллӣ ва байналмилалии танзими ин ҳуқуқ анҷом дода шудааст. Қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи нафақа, кӯмакпулӣ ва дигар шаклҳои дастгирии иҷтимоӣ мавриди омӯзиши интиқодӣ қарор гирифта, мушкилоти амалишавӣ, холигиҳои меъёрӣ ва масъалаҳои ҳамоҳангсозии санадҳои ҳуқуқӣ муайян карда шудаанд. Муаллиф зарурати такмили заминаҳои меъёрӣ ва таҳияи механизмҳои самараноки татбиқи кафолатҳои конститутсиониро асоснок менамояд.

Боби сеюм **«Кафолатҳо ва механизмҳои ҳимояи ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ»** ном дошта, аз ду зербоб иборат мебошад ва ба масоили кафолат ва ҳимояи ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ бахшида шудааст.

Дар зербоби якум муаллиф кафолатҳои конститутсионӣ, қонунгузорӣ, молиявӣ ва ташкилӣ-идоравии татбиқи ин ҳуқуқро таҳлил менамояд. Нақши давлат дар фароҳам овардани шароити зарурӣ барои амалишавии ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ, инчунин масъалаи таъмини устувории молиявии низоми ҳифзи иҷтимоӣ баррасӣ гардидааст.

Дар зербоби дуввум роҳҳои судӣ ва ғайрисудии ҳимояи ин ҳуқуқ таҳлил шудаанд. Муаллиф имкониятҳои мурочиат ба судҳо, нақши мақомоти давлатӣ, сохторҳои назоратӣ ва дигар ниҳодҳои ҳифзи ҳуқуқро баррасӣ намуда, мушкилоти амалишавии механизмҳои мавҷударо муайян мекунад. Дар ин

замина пешниҳодҳои мушаххаси илмӣ ҷиҳати такмили механизмҳои ҳимоя ва баланд бардоштани самаранокии онҳо ироа мегарданд.

Дар хулоса ва пешниҳодҳо натиҷаҳои асосии таҳқиқи илмӣ ҷамъбаст гардидаанд.

Нуктаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамади назариявӣ-методӣ ва таҳлилӣ мутаҳкам карда шудаанд. Муҳтавои асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии нашргардида ва баромадҳои муаллиф дар конфронсҳои сатҳи гуногун инъикос ёфтаанд.

Хулоса, дисссертатсияи Рисолати Раҷабалӣ дар мавзуи «Ҳуқуқи конститутсионии инсон ва шаҳрвандон ба таъминоти иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводди илмӣ (фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, № 493) ҷавобгӯ буда, ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02. Ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ, танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ пешниҳод карда мешавад.

**Роҳбари илмӣ:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсенти кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ
ва маъмурии факултети ҳуқуқшиносии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Салохидинова С.М.

«02» феврали соли 2026

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17
Тел.: +992 93 400 88 04
E-mail: simo_s@mail.ru

Имзои С.М. Салохидиноваро тасдиқ менамоям:
сардори Раёсати сиёсати кадрӣ ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Шодихонзода Э.Ш.

Суроға: Хиёбони Рудакӣ, 17, ш. Душанбе, 734025,
Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Телефон: (+992 -37) 221-62-25; (+992 -37) 227 -15-10
Факс: (+992-37) 227-15-10
Email: info@tnu.tj «02» феврали соли 2026